**Тасдиқ мекунам:**
Ректори Донишгоҳи техникии
Тоҷикистон ба номи академик М.С.
Осимӣ д.и.и., профессор
_______________ Давлатзода Қ.Қ.
"10" 01 2024

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Муҳаммадқодири Наҷмуддин дар мавзуи «Масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиологӣ аз рӯйи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисоси ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Муҳаммадқодири Наҷмуддин дар мавзуи «Масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиологӣ аз рӯйи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ комилан мутобиқат мекунад.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Давлати дунявӣ ҳамчун навъи давлат натиҷаи амалӣ гардидани равандҳо ва майлонҳои асосии инкишофи давлати муосир ба монанди: секуляризатсия, модернизатсия, падидаҳои сиёсие чун: суверенитет ва конститутсионализму принсипинави амалӣ гардидани ҳокимияти давлатӣ – таҷзияи ҳокимият ба ҳисоб меравад. Баъд аз ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ дар фазои дини ҳаёти ҷамъиятӣ амсилаҳои гуногуни таҳсилоти динӣ ба вуҷуд омаданд, ки иҷтимоишавии динии шаҳрвандон, махсусан, наврасону ҷавононро ба амал мебаровarданд. Дин ҳамчун омилли таъсирасон ба паҳлуҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа то дараҷае зиёд гардид, ки рӯҳониёни машҳури Тоҷикистон натанҳо дар амалӣ ва татбиқ гардидани анъанаҳо ва маросимҳои динӣ роҳбарӣ намдуда, балки ба масъалаҳои иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа дахолат намуданд. Бад-ин минвол намояндагони қишри рӯҳонии ҷомеа тавассути

таҳсилоти динӣ дар байни наврасону ҷавонон дар баробари таълими донишҳои динӣ ғояҳои шахсӣ ва сиёсии худро паҳн мекарданд. Яке аз хусусиятҳои дигар давлатӣ дунявӣ ин он аст, ки давлати дунявӣ барои рушди арзишҳои динӣ ва фаъолияти ташкилоти динӣ шароитҳои якхелаи заруриро фароҳам месозад.

Агар ба фазои динии замони Шуравӣ назар афканем маълум мегардад, ки дар ин давра таҳсилоти динии хонагӣ мавҷуд буд. Истиқлолияти сиёсӣ барои фазои динӣ дар кишвар имкониятҳои васъеро ба вуҷуд овард, ки дар бузургтарин мадрасаҳои динии хориҷа таҳсил намуданд. Мутаассифона, онҳо дар баробари гирифтани донишҳои амиқӣ динӣ ба равияҳо ва мазҳабҳои ғайрианъанавӣ гаравида, ғояҳои ифротии онҳоро ба Тоҷикистон ворид намуданд.

Дар натиҷа, мазҳабҳо ва равияҳои ифротии динӣ ба Тоҷикистон ворид гардида, ҷавонони зиёдеро ба худ ҷалб намуданд, ҳатто рӯҳониёни машҳури Тоҷикистон низ бо ивази маблағҳои бузург ба ин гурӯҳҳои ифротӣ ҳамроҳ гашта, фазои динии кишварамонро ноором гардониданд. Оқибати гаравиши баъзе аз ҷавонон ба ҳаракатҳо ва равияҳои динии ифротӣ ин буд, ки бештарашон дар ҷанги Сурия ва дигар нуқтаҳои даргири ҷаҳони исломӣ ҷони худро аз даст дода, қисми дигар ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида шуданд. Бо ин сабаб, таҳсилоти динии хонагӣ ва хориҷии ҷавонон манъ карда шуд, зеро ба амнияти кишварамон таҳдид менамуд. (дисс. 4) Асосҳои назариявии ва методологи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки як қатор равишҳо ва методҳои умумиилмию соҳавӣ, аз ҷумла равишҳои умумиилмии позитивизм, функсионализми сохторӣ, равиши системавӣ ва таърихӣ ташкил медиҳанд. Равиши позитивистии мавзуи тадқиқотӣ имконият медиҳад, ки таҳсилоти динӣ ва арзишҳои динӣ аз нуқтаи назари аҳамияти иҷтимоии онҳо дида баромада шавад. Тавассути равиши функсионализми сохторӣ вазифаҳои иҷтимоии таҳсилоти динӣ дар низоми маориф таҳқиқ мегардад. Равишҳои системавӣ ва таърихӣ барои дарки низоми таҳсилоти динӣ ва тадқиқи таҳаввулоти таърихии он мусоидат менамояд. Барои тадқиқи мавзуи диссертатсионӣ

методҳои диалектикӣ, таҳлили мантиқию муқоисавӣ, шарҳдиҳӣ ва умумиятдиҳӣ истифода шудаанд. Ҳамзамон ҳангоми омӯзиши мавзуи диссертатсия аз методҳои тадқиқоти сотсиологӣ, мисли таҳлили ҳуҷҷатҳо, мушоҳида ва пурсиши сотсиологӣ, махсусан, пурсиши миқдории анкетавӣ, васеъ истифода бурда шудаанд. Ҳамзамон, сарчашмаҳои илмӣ-тадқиқотӣ: адабиёти илмӣ ва таълимии соҳавӣ, натиҷаҳои тадқиқотҳои сотсиологӣ, ҳуҷҷатҳои расмӣ ва таърихӣ, мақолаҳо ва маводи сомонаҳои интернетӣ, маводи шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар сарчашмаҳои иттилоотӣ васеъ истифода шудаанд.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Муаллиф дар раванди омӯзишу таҳқиқи мавзуи диссертатсия маводи зиёди илмӣ-назариявӣ ва таҳқиқотиро таҳлил карда, шахсан дар таҳқиқотҳои сотсиологӣ ширкат варзида, натиҷаҳои онро бомаврид истифода бурдааст. Ҳамзамон тарзи навишт, масъалагузорӣ, хулосабарорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад. Дараҷаи асоснокӣ ва саҳеҳ будаии натиҷаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, **муҳим арзёби мегарданд.** Диссертант тавонистааст, ки объект, предмет, ва мақсади тадқиқи худро муайян намуда, ҷиҳати ноилгардидан ба он вазифаҳои мушаххасро гузошта, натиҷаҳои назарраси илмӣ ба даст орад. Таҳлили диссертатсияи Муҳаммадқодири Наҷмуддин нишон медиҳад, ки ҳамоҳангӣ ва пайванди мантиқӣ дар тамоми қисматҳои кор вуҷуд дошта, натиҷаҳои бадастомада аз иҷрои вазифаҳо, навгониҳо аз ҷанбаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бармеоянд. Дар қисмати тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо низ асоснок буда, арзиши амалии диссертатсияро ифода менамоянд. Муҳаққиқ кӯшиш намудааст, ки назарияҳои мухталифро оид ба масъалаҳои идеаи баробари иҷтимоӣ, ки аз ҷониби донишмандони тоҷики асри бостон ва асрҳои миёна пешниҳод шудаанд, таҳқиқу баррасӣ намуда, хулоса ва тавсияҳои илман асоснокро пешниҳод намояд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ ( бо нишон додани навгонӣ аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии**

**дархостшаванда мумкин аст. Навгонии илмии таҳқиқот** пеш аз ҳама дар он зоҳир мешавад, ки бори аввал ба таври комплексӣ масъалаҳои таҳсилоти диниро дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ба таври фарогир таҳқиқ намудааст ва навгониҳои он дар ҷанбаҳои зерин таҷассум ёфтааст:

–масъалаҳои таҳсилоти динӣ вобаста ба равишҳои мухталифи илмӣ, назарияҳои сотсиологӣ ва фарҳанги миллӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуд. Аввалин маротиба бо равиши сотсиологӣ масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар таълимоти сотсиологии классикони илми сотсиология тадқиқ гардиданд.

-дар асоси омӯзиши маводи илмӣ-тадқиқотӣ шаклҳои нави алоқамандии давлати дунявӣ ва ҷомеаи динӣ ошкор гардида, таҳаввулоти таърихии ҳамбастагӣ ва таъсири мутақобилаи дин ва дунявият бо далелҳои муътамад таҳқиқ гардидааст. Муайян карда шуд, ки маҳз ташаккул додани ҷаҳонбинии дунявӣ ва тафаккури илмӣ ба ваҳдати миллӣ ва рушди ҷамъият мусоидат менамояд;

–хусусиятҳои заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии таҳсилоти динии шаҳрвандон таҳқиқ гардида ва шароитҳои ҳуқуқии рушди таҳсилоти динӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон нишон дода шуданд. Муайян карда шуд, ки дар давлати дунявии Тоҷикистон барои тадбиқ гардидани ҳуқуқу озодиҳои динии шаҳрвандон тамоми шароити зарурӣ фароҳам оварда шудаанд;

–муносибат ва ҳамтаъсиррасонии давлати дунявӣ ва ҷомеаи динӣ дар сохтори иҷтимоии Тоҷикистон тадқиқ гардида, амсилаҳои иртиботи давлати дунявӣ ва иттиҳодияҳои динӣ муайян карда шуданд. Маълум гардид, ки давлати дунявӣ зидди дин набуда, барои фаъолияти озоди иттиҳодияҳои динӣ ва шаҳрвандон мусоидат менамояд;

–аввалин маротиба масъалаҳои таҳсилоти динии Тоҷикистон бо далелҳои возеҳ баррасӣ гардида, вазъи кунунӣ, машкилот ва дурнамои рушди таҳсилоти динӣ дар давлати дунявии Тоҷикистон мавриди таҳлили амиқи илмӣ қарор гирифтанд. Ошкор карда шуд, ки маҳз таҳсилоти босифати динии расмӣ ва давлатӣ ҷаҳонбинии солими динии шаҳрвандонро ташаккул медиҳад;

-барои муайян намудани муносибати аҳолӣ ба дин, таҳсилоти динӣ ва ифротгароии динӣ тадқиқоти сотсиологӣ гузаронида шуданд. Аз таҳлили натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологӣ маълум гардид, ки дин дар ҳаёти иҷтимоии шаҳрвандони Тоҷикистон мақоми хеле баланд соҳиб шуда, аҳолӣ ба таҳсилоти динӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд. Муайян карда шуд, ки рушди таҳсилоти динӣ ва диншиносии илмӣ дар Тоҷикистон омили муҳими пешгирии ифротгароии динӣ ба ҳисоб мераванд.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти** диссертатсия дар он ифода меёбад, ки ҳангоми кор карда баромадани сиёсати давлатӣ нисбат ба дин, таҳкими арзишҳои дунявӣ, ҳалли масъалаҳои таҳсилоти динӣ ва диншиносии илмӣ, танзими раванди таҳсилоти динӣ дар Тоҷикистон ва пешгирии гаравиши ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротгароии динӣ васеъ истифода бурдан мумкин аст. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро ҳангоми гузаронидани таҳқиқотҳои сотсиологӣ, навиштани рисолаҳои илмӣ, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва маводи иловагии таълимӣ васеъ истифода бурдан мумкин аст.

**Интишороти натиҷаи диссертатсия.** Мақолаҳои илмии чопнамудаи муаллиф(11 мақола) аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд, муҳтавои диссертатсияро ифода менамоянд.

**Тавсифи умумии кори диссертатсионӣ.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, 6 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Матни рисолаи номзадӣ фарогири 12 расм буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 201 саҳифаро дар бар мегирад.

Боби якуми рисола бо номи «**Асосҳои назариявӣ – методологии омӯзиши масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ»** аз се зербоб иборат буда, дар он масъалаҳои илмию назариявӣ ва методологии тадқиқи баробарӣ ва масаълаҳои таҳсилоти динӣ аз нигоҳи консептуалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар зербоби якуми боби якум **«Таҳлили назариявӣ-методологии масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар ҷомеаи муосир»** таъкид мегардад, ки дар

ибтидои истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дин ҳамчун институти иҷтимоӣ дар сохтори иҷтимоии ҷомеа ҷойгоҳи устувореро пайдо намуд, таваҷҷуҳи тамоми қишрҳои аҳолӣ ба дин ва таҳсилоти динӣ зиёд гардид, мақоми иҷтимоии рӯҳониён ва сарварони динӣ дар ҷомеа ва байни шаҳрвандон боло рафт ва онҳо дар идора ва танзими муносибатҳои иҷтимоӣ фаъолона иштирок мекарданд. Баъзе аз зиёиён, ки пешбаранда ва тарғибгари илми дунявӣ ҳастанд, ба таҳсилоти динӣ рӯ оварданд, ҳатто дар муассисаҳои илмӣ олимони ҷавон ба сифати мавзуъҳои таҳқиқоти илмӣ мавзуъҳои динӣ ва таълимоти динии рӯҳониёни диниро интихоб мекарданд ва ин раванд то ҳол ба назар мерасад. Муаллифи диссертатсия бар он назар аст, ки дар давлатҳои пасошуравӣ таҳсилоти дунявӣ хусусияти атеистӣ надошта, дар ҷомеа дин ва арзишҳои динӣ низ ҷойгоҳи худро пайдо намудааст. (Дисс. 5)

Муаллиф дар охири зербоб чунин хулосабарорӣ менамояд, ки таҳсилоти динии расмӣ яке аз роҳҳои тағйирдиҳии ҷаҳонбинии динии аҳолӣ ва пешгирии хурофоти динӣ мебошад. Аз ин сабаб, барои тағйир додани тафаккури динии аҳолӣ ва мутобиқ намудани дин ба талаботҳои навини ҷомеа бояд заминаҳои таҳсилоти расмии динӣ такмил дода шаванд. Агар тағйирот дар низоми таҳсилоти динӣ ворид карда шавад, боиси баланд гардидани сатҳу сифати шуури динии шаҳрвандон мегарданд.

Дар зербоби дуюми боби якум – **«Шаклҳои нави алоқамандии давлати дунявӣ ва ҷомеаи динӣ дар замони муосир»** таъкид мегардад, дунявӣ будани инсон аз муносибати ӯ ба арзишҳои иҷтимоӣ ҳувайдо мегардад. Мавқеи дунявият доштан маънои онро дорад, ки дар ҷаҳонбинии шахс арзишҳои дунявӣ нисбати арзишҳои динӣ афзалият доранд ва ӯ ба илм, дастовардҳои илмӣ-техникӣ ва ҷаҳонбинии илмӣ такя менамояд. Натиҷаҳои мушоҳидаҳо ва тадқиқот нишон медиҳанд, ки ҳатто ҳамон одамоне, ки худро диндор меҳисобанд ва тамоми зуҳуроти иҷтимоиро аз нуқтаи назари ҷаҳонбинии динӣ баҳогузорӣ менамоянд, дар ҳолати зарурӣ рафтори дунявӣ содир менамоянд, аз дастовардҳои илму техника истифода мебаранд.

Дар зербоби сеюми боби якум – **«Асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии таҳсилоти динӣ дар ҷомеи муосири Тоҷикистон»** муаллиф асосҳо ва меъёрҳои ҳуқуқии таҳсилоти диниро дар ҷомеаи Тоҷикистон баррасӣ мекунад. Дар ин зербоб муаллиф бар он назар аст, ки Тоҷикистон давлати дунявӣ мебошад ва ҳокимияти ҷамъиятию сиёсии кишварамон низ дар асоси принсипҳои дунявият ташкил кардашудааст. Дунявияти давлат маънои рад намудан ва аз ҳаёти иҷтимоӣ берун кардани динро надошта, балки дар асоси қонунҳои амалкунанда робита ва ҳамкории давлат ва иттиҳодияҳои диниро ба роҳ мондан аст. Дар давлати дунявӣ ягон дин новобаста аз шумораи тарафдоронаш дини давлатӣ ё расмӣ эътироф намегардад, баробарҳуқуқии ҳамаи шаҳрвандон новобаста аз муносибат ба дин таъмин карда шуда, барои фаъолияти озоди ҳамаи иттиҳодияҳо ва субъектҳои динӣ шароити якхелаю мусоид фароҳам оварда мешавад.(Дисс.С.69) Дар замони кунуни ва шароити нави рушди ҷомеа ва хатарҳои раванди ҷаҳонишавӣ аз мо талаб менамоянд, ки рӯҳониёни динӣ бояд дар рӯҳияи худшиносии миллӣ, ҳифзи фарҳанг ва ҳувияти миллӣ, ҷаҳонбинии илмӣ, тафаккури техникӣ ва арзишҳои дунявӣ омода карда шаванд.

Боби дуюми тадқиқоти диссертатсионӣ–**«Хусусиятҳо ва тамоюлҳои таҳсилоти динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон » -** дар ин боб муаллиф оид ба хусусиятҳо ва тамоюлҳои таҳсилоти динӣ дар шароити кунуни Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот додааст.

Дар зербоби якуми боби дуюм**«Таносуби давлати дунявӣ ва ҷомеаи динӣ дар сохтори иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон»** диссертант иброз медорад, ки дар охири асри XX ва даҳсолаи аввали асри XXI дар Тоҷикистон дин аз назорати давлатӣ дур монда, ҳаёти динии ҷомеа пурра ба ихтиёри рӯҳониён гузашта буд. Аз ин вазъият намояндагони ҳизбу ҳаракатҳои гуногуни динӣ истифода бурда, мавқеи худро дар Тоҷикистон мустаҳкам намуданд. Ҳамзамон, пас аз барҳам хурдани идеологияи коммунистӣ фазои холии идеологиро ғояҳои динӣ пур карданд. Баъзе аз рӯҳониёни динӣ дар мактабҳои динии Шарқи наздик таҳсил карда, ақидаҳои ғайрианъанавии исломиро ба Тоҷикистон ворид намуданд. Бо ин сабаб,

дар Тоҷикистон баръакси давлатҳои мутараққии ҷаҳон раванди десекуляризатсия авҷ гирифт ва байни намояндагони равияҳои гуногуни динӣ дар Тоҷикистон зидиятҳои динӣ пуршиддат гардид. Муаллифи диссертатсия бар он назар аст, ки дунявӣ буданидавлати Тоҷикистон маънои онро дорад, ки ташкилотҳои динӣ аз давлат ҷудо буда, ба корҳои давлатӣ мудохила карда наметавонанд, аммо диндорон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа фаъолона ширкат меварзанд.

Дар зербоби дуюми боби дуюм – **«Вазъи таҳсилоти динӣ ва дурнамои он дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон»** - Дар ибтидои солҳои 20-уми асри XX Ҳокимияти шуравӣ на бо роҳи инкори дин, балки бороҳи кушодани мактабҳо, клубҳо, китобхонаҳо ва дигар чорабиниҳои фарҳангӣ бо дин мубориза мебурд. Аммо дар ташкили мактабҳои дунявӣ ба мушкилоти зиёд, махсусан, масъалаҳои молиявӣ, нарасидани мутахассисони соҳавӣ, маводи таълимӣ рӯ ба рӯ мегашт, инчунин дин, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ барои рушди таҳсилоти дунявӣ монеа мегаштанд. Муаллифи диссертатсия чунин назар дорад, ки дар ин давра мактабҳои динӣ дар байни халқ мақоми баландро соҳиб гашта, дар баробари мактабҳои дунявӣ амал мекарданд ва новобаста ба фишору монеагузориҳои Ҳокимияти шуравӣ нисбат ба мактабҳои дунявӣ ҳолати хуби моддӣ ва молиявӣ доштанд.(Дисс.С. 124) Ба воситаи таҳсилоти динӣ иҷтимоишавии динии эътиқодмандони дин амалӣ гардида, меъёрҳо ва арзишҳои динӣ аз як насл ба насли дигар мерос гузошта мешавад. Роҳи муҳимтарини мубориза ба идеологияи экстремизми динӣ таълими дурусти динӣ ваташаккули шуури динии шаҳрвандон мебошад. Маҳз шуур ва ҷаҳонбинии баланди динӣ, на хурофотӣ дар бунёди ҷомеаи миллӣ ва шаҳрвандӣ накши муҳим бозида метавонад. Барои ягонагӣ ва ваҳдати миллии Тоҷикистон ҷаҳонбинии солими динӣ мусоидат менамояд.

Дар зербоби сеюми боби дуюм- **«Таҳлили афкори ҷамъиятӣ оид ба таҳсилоти динӣ ва масъалаҳои ифротгароии динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»**- таъкид шудааст, ки яке аз масъалаҳои асосии ҷойгоҳи дин дар ҷомеаи анъанавии Тоҷикистон, таҳсилоти динии шаҳрвандон, ифротгароии динӣ ва дигар масъалаҳои ба дин алоқаманд дар Тоҷикистон

як қатор тадқиқоти сотсиологӣ гузаронида шудаанд, ки дар бештари онҳо муаллифи диссертатсия иштирок намудааст. Дидгоҳи муаллиф бар ин назар қобили пазириш аст зеро масъалаи таносуби миллат ва дин ва мавриди тоҷикӣ ё исломӣ будан баҳсҳои тезу тунде мавҷуд ҳаст, ҳар як нафар аз дидгоҳ ва сатҳи ҷаҳонбинии худ ин масъаларо баҳогузорӣ менамояд.

**Эродҳо ва хатоиҳои баҳсталаб доир ба натиҷагирии диссертатсия.**

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсияи Муҳаммадқодири Наҷмуддин баъзе аз камбудиҳо ба мушоҳида мерасанд, ки баррасии пешниҳод такмили корҳои илмӣ-тадқиқотии минбаъдаи диссертант мусоидат менамоянд:

1. Дар мубраммияти диссертатсия зарурати тадқиқи алоқамандии дин ва дунявият маҳз дар шароити ҷаҳонишавӣ пурра инъикос нагардидааст.

2. Диссертант дар диссертатсия аз маъруфтарин руҳониёни тоҷик ном мебарад. Аммо ин рӯҳониён таҳсилдидаи кадом давлат ва мадрасаҳои динӣ ҳастанд маълумот пешниҳод намекунад. Зеро шаклу усул ва мундариҷаи таҳсилоти динӣ дар муассисаҳои таълимии динии кишварҳои хориҷӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

3. Дар барномаи таълими барои хонадагони макотиби миёнаи махсус ва донишгоҳҳо фанҳои “Таърихи динҳо” ва “Диншиносии илмӣ” ҳамчун фанни таълимӣ тадрис карда мешаванд. Бинобар ин диссертант дар диссертатсия бояд мубрамияти ин фанҳои таълимиро барои тақвияти неруи зеҳнӣ, пешгирии густариши мафкураи ифротгароии динӣ ва ташаккули ҷаҳонибини дунявӣ ба таври асоснок собит намуда, шарҳу тавзеҳ диҳад.

4. Дар диссертатсия хатоиҳои имлоӣ ва техникӣ роҳ ёфтаанд.

Вале камбудиҳои ҷойдошта наметавонанд ба арзиши илмии диссертатсия коҳиш бахшанд.

Мутобиқати диссертатсия ба «Талаботи додани дараҷаҳои илмӣ» ҳамаи пешниҳод ва нуктаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳо асоснок буда, аз ҷиҳати назариявию амалӣ тасдиқ шудаанд ва аҳамияти илмӣ доранд.

Мазмуну мундариҷаи диссертатсия ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ мебошад. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф мухтавои асосии диссертатсияро пурра ифода менамоянд. Мавзуъ, ихтисоси илмии интихобшуда, мазмуну мундариҷаи диссертатсия ва мақолаҳои чопнамудаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ба шиносномаи ихтисоси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-005 барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиология, аз руйи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ мувофиқат менамояд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсия аз рӯи натиҷаҳои назариявӣ, хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи муқаррарнамудани Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст. Диссертатсияи тақризшаванда дар мавзуи «Масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» » аз руйи натиҷаҳои илмии бадастоварда ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Тақриз дар маҷлиси кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ -аз 4-уми январи соли 2024, суратмаҷлиси №5 муҳокима ва тасдиқ гардидааст. Дар маҷлиси кафедра 14 нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафтор» - 14 нафар, «муқобил» - нест, «бетараф» - нест.

**Омодасози лоиҳаи тақриз:**
н.и.ф. и.в., дотсенти кафедраи
фанҳои ҷомеашиносӣ
Қурбоншоев И.Ҷ.

**Раисикунанда:**
мудири кафедраи фанҳои
ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии
Тоҷикистон ба номи академик
М.С. Осимӣ н.и.т., дотсент
Шарофов Э.У.

**Котиб:** н.и.ф., и.в, дотсенти
кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ Мамурова Г.Қ.

*Имзои Шарофов Э.У., Қурбоншоев И.Ҷ. ва Мамурова Г.Қ. – ро тасдиқ менамоям.*

*Сардори раёсатӣ кадрҳо ва корҳои махсуси ДТТ ба номи М.С. Осимӣ* *Қодирзода Н.Ҳ.*

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Ш. Душанбе, к. Акад. Раҷабовҳо, 10
Тел: 992(37)221-35-11. E-mail. info@ttu.tj . www. @ttu.tj